Тақризи

роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Амонов Салоҳудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ - иҷтимоӣ (13.00.05.03 педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод карда шудааст.

Рисолаи диссертатсионии Амонов Салоҳудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ »» бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳим дар системаҳои таълимии муосир мебошад.

Маҳфили «Шоҳномахонӣ» воситаи беназири педагогие мебошад, ки ба ташаккули худшиносии миллӣ тавассути таваҷҷуҳ ба эҷодиёти шифоҳии мардумӣ, шеър, намоишномаҳо ва дигар намудҳои фаъолияти эҷодии ба фарҳанги миллӣ асосёфта мусоидат мекунад. Маҳфили «Шоҳномахонӣ» ҳамчун шакли фаъолияти берун аз синф ҷузъҳои таълимӣ, бадеӣ ва тарбиявиро дар худ муттаҳид мекунад. Мундариҷаи он ба омӯзиши матнҳои классикӣ, асарҳои мусиқӣ ва театрӣ, расму оинҳои мардумӣ асос ёфтааст, ки раванди омӯзишро зинда ва ҷалбкунанда месозад. Тавассути иштирок дар намоишномаҳо, хондани матнҳои бадеӣ, баррасии маъноҳо ва арзишҳо хонандагон на танҳо фарҳанги миллиро меомӯзанд, балки онро меъёри зиндагии хеш қарор медиҳанд.

Амонов Салоҳудин дар таҳқиқоташ ба як қатор таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ такя намуда, модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ тавассути корҳои берунназсинфию маҳфилҳоро таҳия намуда, шароитҳои педагогии ташаккули самараноки худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» - ро ба маврид интихоб намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ҳамаҷониба буда, метавонанд аз сӯйи омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фаъолияти таълимӣ ва ғайритаълимӣ истифода шаванд.

Мақсади муҳимми тадқиқот ба таври назаривию озмоишӣ асоснок намудани модели ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» аст.

Ҳамчунин, Амонов Салоҳудин дар раванди таҳқиқот ба чунин натиҷаҳо ноил гардидааст:

- ҷанбаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогии мафҳуми худшиносии миллӣ муайян карда шудаанд;
- чорабиниҳои берунназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон асоснок карда шудаанд;
- маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон асоснок карда шудаанд;
- модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тававссути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» таҳия карда шудааст;
- муҳити таълимӣ ҳамчун омили ташаккули худшиносии миллии хонандагон собит карда шудааст;

- самаранокии чорабиниҳои берунасинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дақиқ карда шудааст;
- таъсири ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» асоснок карда шудааст;
- ба таври озмоишӣ самаранокии модели иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» тасдиқ карда шудааст.

Дар умум, рисолаи Амонов Салохудин ба таври пурра ва асоснок нишон медиҳад, ки маҳфили «Шоҳномахонӣ» воситаи беназири педагогӣ мебошад, ки ба ташаккули худшиносии миллӣ тавассути таваҷҷуҳ ба эҷодиёти шифоҳии мардумӣ, шеър, намоишномаҳо ва дигар намудҳои фаъолияти эҷодии ба фарҳанги миллӣ асосёфта мусоидат мекунад. Маҳфили «Шоҳномахонӣ» ҳамчун шакли фаъолияти берун аз синф ҷузъҳои таълимӣ, бадеӣ ва тарбиявиро дар худ муттаҳид мекунад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин мешуморам, ки диссертатсияи мазкур кори илмии тахассусии пурра ба анҷомрасида мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмию назариявӣ иҷро карда шудааст. Муаллиф дар давраи таҳқиқот худро ҳамчун унвонҷӯйи босалоҳият ва эчодкору таҳқиқотчӣ нишон дод.

Дар рафти таҳқиқи рисолаи номзадӣ ба таҷрибаи педагогии худ такя намуда, дар раванди корҳои озмоишӣ онро ҳамаҷониба истифода намуд, Амонов Салохудинро ҳамчун унвонҷӯйи дорои дониш, малака ва маҳорати баланд метавонад дар оянда таҳқиқоти илмиро давом диҳад.

Рисолаи диссертатсионии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ - ичтимоӣ (13.00.05.03 педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ - ичтимоӣ (13.00.05.03 педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва
биологӣ бо асосҳои технологияи
информатсиоиии МДТ
“Дониишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуали ибни Сино” Қодиров Бахтиёр Розиқович
Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н.Сино, куч.Снно 29-31. МДТ
“Донишгохи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино”
Тел(+992)926335504, email: bakhtiyor_0663@mail.ru
Имзои Қодиров Б.Р.-ро тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи Раёсати рушди кадрии
ДДТТ ба номн Абуалӣ нбнн Сино,
номзади илмҳои тиб Сафаров Б.И.
02. 06. 2025